*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 40 (4780) | ДУШАНБЕ, 1 АПРЕЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





**29-уми марти соли 2024 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар кори маҷлис нахуст дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 гузориши вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода шунида шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки ҷиҳати татбиқи босамари тадбирҳо нақшаи чорабиниҳо дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2024-2025 тасдиқ ва ситоди ҷумҳуриявӣ таъсис дода шавад.

Вобаста ба таъсири манфии равандҳои номатлуби ҷаҳонӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ба иқтисоду иҷтимоиёти кишвар, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони мақомоти масъул барои ба қадри кофӣ захира намудани маводи зарурӣ, истифодаи сарфакоронаи захираҳои обӣ, кам кардани талафоти техникии неруи барқ, ҷамъоварии дуруст ва пурраи маблағҳои истифодабарии неруи барқ ва тарғиби фарҳанги сариштакорӣ дар рӯзгори мардум супоришҳои мушаххас доданд.

Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва корхонаю ташкилотҳои дигар вазифадор шуданд, ки то санаи 10 ҳар моҳ оид ба рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Сипас, дар кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» муҳокима гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Дар кори маҷлиси Ҳукумат, ҳамчунин, масъалаҳои вобаста ба «Нақшаи амали солҳои 2024-2026», «Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Дар бораи Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи андоза ва тартиби пардохти музди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда» баррасӣ карда шуданд.

Баъди муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои маҷлис Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба иҷрои дастурҳои қаблии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳидоятҳои дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар додашуда ба аъзои Ҳукумат, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту корхонаҳо супоришҳои мушаххас доданд.

Дастуру супоришҳо, ҳамчунин, оид ба вусъати корҳои ободонӣ, киштукори баҳорӣ ва истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар иҷрои ҳатмии дастуру ҳидоятҳои рӯзи 9 март дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар додашударо ёдовар шуданд. Аз ҷумла, аз аъзои Ҳукумати мамлакат ва аҳли ҷомеа риояи қатъии муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» талаб карда шуд.

**www.prezident.tj**

---

Ҳамовозӣ ба мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар

# МО БОЯД ДАРСИ ХИДМАТ БА ХАЛҚУ ВАТАНРО АЗ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОМӮЗЕМ

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ба ҳар фарди ҷомеа неруи тоза бахшид. Дарвоқеъ, дар шароити пуртазоду печидаи муосири минтақа ва ҷаҳон, авҷ гирифтани рақобат, таҳдидҳои пай дар пайи бӯҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат масъалаи ҳифзу тақвияти давлату давлатдории миллӣ аҳамияти хеле муҳим пайдо мекунад.**

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: «Солҳои охир вусъати бесобиқа ёфтани талоши абарқудратҳо барои амалисозии манфиатҳои худ, азнавтақсимкунии дунё, мусаллаҳшавии бошитоб, оғози марҳалаи нави «ҷанги сард», густариши бесобиқаи фаъолияти гурӯҳҳои террористию экстремистӣ, ки мутаассифона, хусусияти динӣ касб намудааст, вазъи мураккаби дар пайи пандемияи COVID - 19 бавуҷудомада, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои вазнини он – хушксоливу камобӣ, норасоии маводи ғизоӣ ва гуруснагӣ вазъи ҷаҳонро мураккабу пешгӯинашаванда гардонида истодааст».



**Сулаймон ТАЛБАКЗОДА, муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷаҳон дар ибтидои садаи XXI, воқеан, пешгӯинашаванда гардида, ба сари фарзандони одам мушкилию печидагиҳои зиёди фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва диниро овардааст, иддае аз давлатҳоро ноорому истиқлолияти давлатии онҳоро осебпазир гардондааст. Барои ҳамин, Пешвои миллат махсус таъкид намуданд, ки мо бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлубу хатарнок, аз ҷумла ифротгароию терроризм, бояд сарҷамъона мубориза барем ва дар кишвар волоияти қонунро таъмин намоем.

Имрӯз яқин аст, ки мардуми Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин имтиҳонҳои замон сарбаландона гузашта истодааст ва оянда низ хоҳад гузашт. Мо дигар ҳуқуқи иштибоҳ кардан надорем, зеро мардуми Тоҷикистон аз мо - зиёиён ва мақомоти интизомии кишвар интизориҳои зиёд доранд ва мо дар назди наслҳои имрӯза ва оянда масъул мебошем.

Ҳоло давлати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба самти рушди устувор қадамҳои ҷиддӣ гузошта истодааст. Ба шарофати сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ заминаҳои ҳуқуқии истиқлолияти давлатии хешро таҳкими бештар бахшидем ва барои кору зиндагии мардум шароити беҳтар фароҳам сохта шудааст. Акнун имкон дорем, ки дастовардҳои истиқлолияти давлатиро боз ҳам афзун намоем ва кишварамонро ба сатҳи сифатан нави рушд барорем.

Дигар мавзуе, ки Пешвои миллат ба он рӯй овардаанд, экстремизми динӣ маҳсуб меёбад. Тавре ки таъкид намудаанд: «Душманони дини мубини ислом барои коштани тухми нифоқу бадбинӣ, эҷоди ҳисси исломситезӣ, тафриқаи мазҳабӣ дар байни уммати мусулмон ва расидан ба ҳадафҳои ғаразноки худ, ки яке аз онҳо даст ёфтан ба боигариҳои фаровони кишварҳо мебошад, ифротгароии диниро бо ҳар роҳу восита пуштибонӣ ва маблағгузорӣ мекунанд».

Маълум аст, ки дар ин марҳилаи барои халқу кишвар сарнавиштсоз ҳанӯз ҳам қувваҳое вуҷуд доранд, ки оромию осудагии мардум барояшон хуш намеояд, дастовардҳои истиқлолият, рушду нумӯи сохти давлатдории тоҷикон табъашонро нороҳат мегардонад, мехоҳанд оромию осудагии мардуми моро халалдор намоянд, кишварро дубора ба вартаи нооромию даргириҳо тела диҳанд. Аз ин лиҳоз, ба мардуми мо, ба ҳар касе, ки имрӯзуояндаи халқу Ватан барояш бетафовут нест, сарфи назар аз ақидаю ҷаҳонбинии сиёсӣ, лозим аст, ки бо бедории миллӣ ва ҳушёрии сиёсӣ ҷиҳати тақвияти сулҳу ваҳдат, якпорчагии марзу буми Ватан, бо самимият ва саъю талоши бесобиқа барои ба соҳили мурод расондани киштии амну субот аз ҳеҷ гуна худгузариҳо сарфи назар накунем. Бо неруи тоза бояд тамоми донишу таҷриба, қобилият ва азму иродаи қавии худро барои рушду нумӯи Тоҷикистони азизамон ва некӯаҳволии халқи шарифамон бедареғ равона созем.

Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, мо - ворисони миллати куҳанбунёди фарҳангии ориёием, ҳар мушкилӣ ва печидагиро метавонем бо лаҳни мулоим, муколамаи солим ва эҳтироми ақидаҳо ҳал намуда, дар ҳамаи ҳолатҳои мушкил имкониятҳои нави таърихиро барои худ пайдо намоем.

Ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст ва мо бояд дарси хешташиносӣ ва, муҳимтар аз ҳама, дарси хидмат ба халқу Ватанро аз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзем.

---

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН



**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли ҷорӣ давоми панҷ рӯз барои мулоқот бо интихобкунандагони худ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба сафари корӣ баромада, ба онҳо нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишварро низ шарҳу тавзеҳ доданд.**

**Дар маҷлисгоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5-и шаҳри Ҳисор муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадалӣ Ватанзода ва вакили Маҷлиси намояндагон Сурайё Дӯстмуродзода бо сокинони деҳоти «Деҳқонобод» вохӯрӣ намуданд.**

Вакилон оид ба нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ва суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки 9 марти соли равон доир гардид, изҳори андеша карда, аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ёдовар шуданд.

Яке аз нуктаҳои муҳими таъкиднамудаи вакилон зарурати ҳифз намудани анъана ва арзишу анъанаҳои неки ниёгон дар баробари чолишҳои ҷаҳонӣ буд. Дар ҷамъбасти вохӯрӣ вакилон изҳори умед карданд, ки чунин вохӯриҳо ҳам аз ҷониби шаҳрвандон ва ҳам дар доираи қонунгузорӣ дастгирӣ ёфта, ба ҳифзи ҳувияти миллӣ ва некуаҳволии наслҳои оянда мусоидат мекунанд.

**Дар толори Мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуди шаҳри Хуҷанд мулоқоти муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода бо сокинони маҳаллаҳои ба номи Қорираҳмат Қурбонов, Раззоқ ва Масҷиди Савр баргузор гардид.**

- Таъсиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумати мамлакат, Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», бақайдгирии 4 ҳазор иттиҳодияи динӣ, яъне масҷидҳо ва ташкили сафари дастҷамъонаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра аз ҷумлаи иқдомоти дар ин самт амалигардида мебошанд, - таъкид дошт Мавсума Муинӣ зимни вохӯрӣ.

**Дар ноҳияи Мастчоҳ вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагон Ғайрат Азиззода бо роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳия, аҳли ҷамоатчигӣ, фаъолону имом-хатибон баргузор гардид.**

Ғайрат Азиззода дар вохӯрӣ доир ба нуктаҳои мулоқоти Пешвои миллат бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ҷалби духтарон ба зинаи сеюми таҳсил, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, таълимоти ғайрирасмии динӣ, хурофоту зоҳирпарастӣ ва исрофкорӣ суханронӣ намуд. Номбурда дар робита ба дастуру тавсияҳои Президенти мамлакат таваҷҷуҳи ҳозиринро ба сафарҳои бисёркаратаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра ҷалб намуданд. Пешниҳод карда шуд, ки шахсоне, ки маротибаи дуюм ва сеюм ба ҳаҷ рафтан мехоҳанд, метавонанд аз рӯи аҳкому фармудаҳои шариат амал карда, маблағи хароҷоти онро барои зиндагии шоистаи хонаводаи худ, таҳсили фарзандону наберагон, ободии диёр, бунёди корхонаю мактабҳо, роҳу пулҳо, инчунин, барои кумаку дастгирии ятимону бепарасторон, маъюбону беморон ва оилаҳои камбизоат сарф намуда, сазовори аҷру савоби беандоза гарданд.

Бо мақсади сазовор истиқбол намудани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру мулоҳизаҳои судманд баён шуда, сокинон дар моҳи шарифи Рамазон ба анҷом додани амалҳои хайру савоб даъват гардиданд.

Дар фарҷом имом-хатибон ва сокинону фаъолони ноҳия дар атрофи мавзуъҳои вохӯрӣ мубодилаи афкор намуда, ҳамчунин, ба суолу муроҷиатҳои худ посуххои мушаххасу қонеъкунанда гирифтанд.

**Дар ноҳияи Панҷ вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагон Зоир Раҳмонзода бо интихобкунандагон доир гардид.**

Зоир Раҳмонзода Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони динро шарҳу тавзеҳ дода, дар баробари посух гуфтан ба суолу дархости интихобкунандагон онҳоро ба корҳои созандагию ободонӣ ташвиқ намуданд.

**Дар ноҳияи Хуросон вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагон Гулбаҳор Ашурзода ва Даринг Раҳмон Ҷаҳон Афрӯз Қурбонзода бо интихобкунандагон ҷиҳати ташвиқи муҳтавои мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар доир гардид.**

Дар рафти суҳбат намояндагони мардумӣ оид ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Сарвари мамлакат, мушкилиҳои сиёсии сайёра, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, ҳифзи марзу буми кишвар, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ибрози андеша намуданд.

**Дар шаҳри Бохтар вобаста ба расондани нуктаҳои мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ва дигар масъалаҳои муҳими рӯз вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагон Сарвиноз Маҷидзода ва Фазлиддин Икромӣ бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Дар ҷараёни вохӯрӣ зикр шуд, ки дар ҷаҳони муосир равандҳое, аз ҷумла бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқаю низоъҳои динию мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ, «сиёсати дугона» нисбат ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва монанди инҳо, зуҳур карда, василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, ки ба ҷомеа ва давлати мо низ таъсир мерасонад.

Бинобар ин, фаъолон ва аҳли ҷомеаро лозим аст, ки дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор намуда, дар пешрафту ободии Ватан саҳмгузор бошанд ва бо амалҳои номатлуби хурофотпарастӣ мубориза баранд.

**Бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон Рустам Раҳматзода, Саидҷаъфар Усмонзода ва Бибиосия Аюбӣ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо интихобкунандагон мулоқот баргузор гардид.**

Дар вохӯрӣ омӯзиши нуктаҳои мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, тарбияи дурусти насли ҷавон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии шаҳрвандони мамлакат, риояи ҳатмии талаботи қонунҳои амалкунанда ва роҳнамоии сокинон дар самти пешгирӣ аз хурофоту бегонапарастӣ заруру саривақтӣ шуморида шуд. Вакилон аз ҳозирин даъват ба амал оварданд, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллатро дар кору пайкори худ истифода намуда, дар такомули ҳисси баланди миллӣ ва худшиносии худ инчунин, решакан намудани зуҳуроти номатлуб саҳмгузор бошанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИҶЛОСИЯИ 148-УМИ АП ИДМ БАРГУЗОР ГАРДИД

**Аз 23 то 28 марти соли ҷорӣ дар Женева Иҷлосияи 148-уми Ассамблеяи парламентии ИДМ баргузор гардид.**



Вакилони парламентҳои ИДМ ва дигар иштирокчиён дар муҳокима ва қабули ҳуҷҷати хотимавии иҷлосия, резолютсияҳо, маҷлисҳои комиссияҳои доимӣ ва гурӯҳҳои кории парламенти ИДМ иштирок намуданд.

Дар доираи чорабиниҳои мазкур раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи доимии Ассамблеяи парламентии ИДМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дар қароргоҳи Раёсати Комиссариати олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо бо директори минтақаи аврупоии ИДМ, Бюрои Дафтари Комиссариати олии СММ оид ба гурезаҳо Филипп Леклер мулоқот намуд.

Зимни мулоқот саҳми Комиссариати олии СММ оид ба гурезагон дар таҳияи қонунҳои намунавӣ таъкид гардида, рушди босамари ҳамкориҳои созмонҳо оид ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн баррасӣ карда шуд.

Филипп Леклер дар навбати худ ба АП ИДМ барои ҳамкорӣ изҳори сипос намуда, пешниҳод намуд, ки ба танзими қонунгузории масъалаҳои шаҳрвандӣ ва мақоми шахсони бешаҳрванд таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагон, раиси Комиссияи доимии Ассамблеяи парламентии ИДМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода, ҳамчунин, дар доираи сафар бо директори генералии Дафтари Созмони Милали Муттаҳид дар Женева Татяна Валова мулоқот намуд.

# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

(Идома аз саҳ. 1)

**Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагон Мавлудахон Мирзозода ва Раънохон Бобоҷониён бо интихобкунандагон роҷеъ ба муҳтавои мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар доир гардид.**

Вакилон фикру андешаҳои худро вобаста ба муҳтавои мулоқоти Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар баён намуда, даъват ба амал оварданд, ки сокинон баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат софдилона ва содиқона меҳнат намуда, ҷиҳати рушди минбаъдаи мамлакат тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

**Дар робита ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон Мавзуна Шамсиддинзода ва Муҷиба Ҷавҳарӣ дар Ҷамоати деҳоти Чоркӯҳи шаҳри Исфара бо фаъолони деҳа вохӯрӣ баргузор гардид.**

Дар рафти он вакилони мардумӣ оид ба муҳтавои Паёми Сарвари давлат вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, пешгирии зӯроварӣ дар оила, тозаю озода нигоҳ доштани маҳали зист, самаранок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ, рафти баргузор гардид. Дар мулоқот оид ба ҳолатҳои вайрон намудани қонун дар бобати гузаронидани маъракаҳо, зоҳирпарастию исрофкорӣ, риоя накардани анъана ва расму оинҳои мардумию динӣ, сафарҳои бисёркаратаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра, тарбияи фарзандон дар роҳи илмомӯзӣ, дастгирии ятимону бепарасторон, маъюбону оилаҳои камбизоат, таъмини волоияти қонун, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ изҳори назар карда шуд. Инчунин, вобаста ба вусъат ёфтани корҳои созандагӣ Толибхон Азимзода изҳор дошт, ки баҳри расидан ба зиндагии шоиста моро месазад насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи хештаншиносию ватандӯстӣ, сарфаю сариштакорӣ, илмомӯзию забондонӣ, дӯст доштани Ватан ва ҳимояи марзу буми кишвар тарбия намоем.

**Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагон Мавлудахон Мирзозода ва Раънохон Бобоҷониён бо интихобкунандагон доир гардид, ки** зимни он вакилон оид ба муҳтавои мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар фикру андешаҳои худро иброз доштанд.

**Вакили Маҷлиси намояндагон Мансур Усмонзода дар шаҳри Конибодом зимни вохӯрӣ бо интихобкунандагон паҳлуҳои гуногуни мулоқоти Пешвои миллат бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишварро шарҳу тавзеҳ дода,** онҳоро ба ободкорию созандагӣ, тарбияи дурусти насли оянда, аз даст надодани зиракии сиёсӣ даъват намуд.

**Дар ҳошияи мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар бо сокинони маҳаллаи Чиноро 1-и ноҳияи Шоҳмансур вохӯрӣ баргузор гардид.**

Дар вохӯрӣ вакили Маҷлиси намояндагон Фозил Обидов зикр кард, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқоташон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат вобаста ба анҷом додани амалҳои хайру саховат, дастгирии оилаҳои камбизоат ва танзими маъракаю маросимҳо ибрози назар намуда, доир ба зоҳирпарастию исрофкорӣ ва риоя накардани меъёру андозаҳои муайяншудаи анъана ва расму оинҳои мардумию динӣ ба масъулин супоришҳои мушаххас доданд.

Ҳамзамон, дар идомаи вохӯрӣ ҷиҳати риояи ҳатмии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ибрози назар гардид.

**Вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагон Ғиёсиддин Шарифзода бо интихобкунандагон аз ноҳияи Айнӣ доир гардид.**

Ғиёсиддин Шарифзода зимни вохӯрӣ нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишварро шарҳу тавзеҳ дода, ба саволҳои интихобкунандагон посух гуфт.

**Дар шаҳри Панҷакент мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагон Абдуҳалим Ғаффоров ва Парвиз Шодизода бо интихобкунандагон доир гардид.**

Вакилон таваҷҷуҳи иштирокчиёни мулоқотро ба нуктаҳои фарогири масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, ҷойгоҳи дини мубини ислом ва нақши ходимони дин дар ҷомеа, пешгирии гароиш ба ақидаҳои ифротии ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро, тарбияи насли худогоҳу ватандӯст ҷалб намуданд.

**Дар толори Мактаб барои хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд мулоқоти муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Мавсума Муинӣ ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода бо сокинони маҳаллаҳои Мевағул, Тиллокон ва Темурмалик баргузор гардид.**

Мавсума Муинӣ ва Файзалӣ Идизода таъкид намуданд, ки дар ҷараёни мулоқоташон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар оид ба ҷараёни татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» андешаронӣ карда, аз аҳли ҷомеаи мамлакат риояи қатъии иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» суханронӣ намуданд.



**Дар ноҳияи Ҷаббор Расулов вобаста ба нуктаҳои мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар ва дигар масъалаҳои муҳими рӯз мулоқоти вакилон бо сокинони маҳаллаҳои ноҳия доир гардид.**

Вакили Маҷлиси намояндагон Файзулло Қосимӣ зимни вохӯрӣ зарурияти ҳифзи Ватан, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, моҳияти дин, диндорӣ ва дини мубини ислом, терроризму экстремизм, ҳадафҳои ғаразноки ҳизбу ҳаракатҳои дар кишвар мамнӯъ, пешгирии шомилшавии ҷавонон, бахусус муҳоҷирон ва ҷавонони дар хориҷ таҳсилдошта, ба ҳизбу гурӯҳҳои ғайриқонунӣ суханронӣ намуданд.

**Зимни мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагон Баҳриддин Зиёӣ бо намояндагони фаъоли ҷомеа ва сокинони деҳоти Ошобаи ноҳияи Ашт оид ба ҷараёни татбиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» андешаҳои муфид баён карда шуд.**

Чунин вохӯрии судманди вакили Маҷлиси намояндагон Толибхон Азимзода бо сокинон ва фаъолони ноҳияи Ёвон муқаррароти қонунҳоро талаб намуданд.

Изҳор гардид, ки зоҳирпарастию исрофкорӣ ва риоя накардани меъёру андозаҳои муайяншудаи анъана ва расму оинҳои мардумию динӣ садди роҳи беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад. Бо ёдоварӣ аз фармудаҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ бори дигар таъкид гардид, ки исрофкоронро Худои таъоло ҳам дӯст намедорад.

Вакилон ёдовар шуданд, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҳозиринро ба сафарҳои бисёркаратаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра ҷалб намуда, таъкид доштанд, ки танҳо як дафъа анҷом додани ҳаҷ бар муъминон фарз аст ва Паёмбари ислом (с) худашон ҳам танҳо як бор ҳаҷ намудаанд.

Ҳамзамон, дар доираи ин вохӯриҳо дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагон Ғиёсиддин Шарифзода бо роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, кормандони соҳаи тандурустӣ, омӯзгорон, фаъолон ва имом-хатибон баргузор шуд.

Ғиёсиддин Шарифзода иброз дошт, ки ҳикмати парҳезгорию рӯзадорӣ танҳо дар тарки хӯрдану ошомидан маҳдуд намегардад, балки ин моҳи муборак барои мусулмонон василаи эътиқодии муҳим ҷиҳати анҷом додани корҳои хайру савоб, амалҳои писандида, дасту забони пок доштан, гузашт кардану бахшидан, босабру таҳаммул будан ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ маҳсуб мешавад.

**Дар ҳошияи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар вохӯрии вакилон бо сокинони маҳаллаи «Заҳматобод»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ доир гардид.**

Вакили Маҷлиси намояндагон Парвина Маликзод зимни баромади хеш ҷиҳати дар тафаккури мардум тарбия намудани фаҳмиши дурусти сиёсӣ, фаъол гардондани мардум дар самти амалии корҳои созандагию бунёдкорӣ, таблиғу ташвиқи моҳияти ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот ва эҳсоси масъулият доштан дар раванди ҳимояи Ватан ва бо ҳамин роҳ саҳм гузоштан дар раванди давлатдории миллӣ суханронӣ намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Компони АСЛОН, Сайидо НАЗАРОВ, Мухтори АБДУЛЛО, Сулаймон СУЛТОНОВ, Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,**
**«Садои мардум»**

2024 – «Соли маърифати ҳуқуқӣ»

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ТАҚОЗОИ ЗАМОН АСТ

**Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро аз сар мегузаронад, ки рушди минбаъдаи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва давлатиро дар оянда муайян мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки яке аз омилҳои бунёдӣ бояд ташаккули шуури муносиби ҳуқуқӣ, хусусан, барои шахсони мансабдор, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии онҳо бошад, ки риоя ва иҷрои дақиқи қонунҳоро бо ҷалби ҳадди ақали дастгоҳи давлатӣ дар назорати амалисозии он таъмин намоянд, аммо барои баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва дар умум, маърифати ҳуқуқӣ кор бурдан бо тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ, инчунин, бо шахсоне, ки давлатро дар ин ниҳодҳо намояндагӣ мекунанд, муҳим ва зарур аст.**

Лозим ба ёдоварист, ки дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30-юми декабри соли 2023 ба тасвиб расид, ки мақсад баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам кардани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Қобили зикр аст, ки 6 феврали соли 2018 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» тасдиқ карда шуд ва дар он зикр мегардад, ки пешрафти давлати ҳуқуқбунёд, ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон фарҳанги баланди ҳуқуқиро тақозо менамоянд ва бидуни он арзишҳои бунёдӣ, принсипҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ба монанди волоияти қонун, афзалияти инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазири он, таъмини ҳифзи боэътимоди манфиатҳои оммавӣ, имконнопазир аст.

Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ фарҳанги доираи муайяни шахсонест, ки дорои донишҳои ҳуқуқии касбӣ буда, фаъолияти ҳуқуқии касбиро пеш мебаранд. Барои фарҳанги ҳуқуқии касбӣ як қатор аломатҳои махсус, ба мисли таҳсилоти махсуси касбии ҳуқуқӣ, сатҳи кофӣ ва зарурии донишҳои ҳуқуқии касбӣ, фаъолияти ҳуқуқии касбӣ, хос мебошанд. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо ин аломатҳояш аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳӣ, аз қабили фарҳанги ҳуқуқии занон, ҷавонон, нафақахӯрон ва дигарон, фарқ мекунад.

Айни замон фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар баробари хусусиятҳои умумӣ, ки дар маҷмӯъ, ба ин намуди фарҳанги ҳуқуқӣ хос мебошанд, як қатор хусусиятҳои ҷузъӣ дорад. Ин хусусиятҳо дар аввал ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ буда, дар навбати дуюм бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон муайян карда мешаванд.

Тавре маълум аст, фаъолияти ҳуқуқии касбиро доираи васеи ҳуқуқшиносон, аз ҷумла судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва ғайра, ба сомон мерасонанд. Аз як тараф ҳамаи ҳуқуқшиносон донишҳои зарурии ҳуқуқӣ доранд, фаъолияти касбиро бо истифода аз донишҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кории ҳуқуқӣ пеш мебаранд. Аз тарафи дигар судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва дигарон донишҳои ҳуқуқиро бо назардошти хусусиятҳои ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқии касбӣ татбиқ менамоянд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, гумрук ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияташон низ аз якдигар фарқ дорад.

Чунин фарқият дар заминаи қонунҳои алоҳида, ки фаъолияти касбии кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, гумрук ва дигаронро танзим мекунанд, муайян карда мешавад. Дар қонунҳои дахлдор вазъи ҳуқуқӣ, салоҳияти ҳокимиятӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони дахлдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян карда мешавад. Табиист, ки вазъи ҳуқуқии кормандони мазкур аз ҳамдигар фарқ дорад.

Тафовути дигари фаъолияти касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо таҷрибаи кории ҳуқуқӣ, тарз ва воситаҳои фаъолияти касбӣ (фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, назорати прокурорӣ, адолати судӣ ва ғайра) муайян карда мешавад.

Фаъолияти касбии ҳуқуқӣ танҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳдуд намешавад. Фаъолияти касбии ҳуқуқиро адвокатҳо, ҳуқуқшиносони корхона ва муассисаҳо, кормандони мақомоти марказӣ ва соҳавии ҳокимияти давлатӣ (парламент, мақомоти ҳокимияти иҷроия), мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ низ ба роҳ мемонанд. Табиист, ки фаъолияти касбии ин гурӯҳи ҳуқуқшиносон аз фаъолияти касбии кормандони ҳифзи ҳуқуқ фарқ дорад.

Аз ин нуқтаи назар, фаъолияти касбии ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, аз тарафи ҳуқуқшиносон ба роҳ монда мешавад. Аммо фаъолияти касбии доираҳои муайяни ҳуқуқшиносони касбӣ аз ҳамдигар фарқ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло хусусиятҳои умумӣ ва ҷузъии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ҷудо карда мешавад. Хусусиятҳои умумии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбиро аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар робита бо ин хусусиятҳои умумӣ чун падидаи мустақили ҳаёти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунанд. Хусусиятҳои ҷузъии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо хусусиятҳои фарқкунандаи намудҳои ҷудогонаи фаъолияти касбии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, гумрук ва андоз аз ҳамдигар фарқ дорад.

Тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, адвокатҳо ва дигар ҳуқуқшиносони амалӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо дар баробари донишҳои умумии касбии ҳуқуқӣ, ҳамчунин донишҳои махсуси касбӣ доранд. Чунончи, таҳсилоти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, гумрук, андоз ва дигарон хусусиятҳои худро дорад. Илова бар ин, таҷрибаи кории доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ аз ҳамдигар фарқ дорад, чунки адолати судӣ, назорати прокурорӣ, тафтишот, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ намудҳои алоҳида ва мустақили фаъолияти ҳуқуқии касбӣ буда, аз ҳамдигар фарқ дорад.

Барои ҳамин, фарҳанги ҳуқуқии касбӣ аз як тараф хусусиятҳои умумӣ ва аз тарафи дигар хусусиятҳои ҷузъӣ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки:

– фарҳанги ҳуқуқии касбӣ фарҳанги ҳуқуқшиносони амалӣ мебошад, ки фаъолияти касбии ҳуқуқиро анҷом медиҳанд;

– фарҳанги ҳуқуқии касбӣ хусусиятҳои умумӣ дошта, аз намудҳои дигари фарҳанги ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ фарқ мекунад;

– дар таркиби фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷузъӣ, тафовути фарҳанги ҳуқуқии касбии доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ зоҳир мешаванд;

– фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, кормандони мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо аз ҳамдигар фарқ дорад.

Аз ин нуқтаи назар омӯзиши алоҳидаи фарҳанги ҳуқуқии касбии судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқшиносони касбӣ, ки дар мақомоти дигари давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо фаъолияти касбии ҳуқуқиро ба роҳ мемонанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ ва амалӣ қобили қабул аст. Ин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқии касбии доираҳои ҷудогонаи ҳуқуқшиносони амалӣ муайян карда шаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нуктаҳои назари илмӣ-методологӣ, ки болотар шарҳ дода шуданд, зимни таҳқиқоти фарҳанги ҳуқуқии касбӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Мусаллам аст, ки аксари олимони назарияи давлат ва ҳуқуқ бар он ақида мебошанд, ки мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқии касбӣ» дар робита бо шуури ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқии касбӣ шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон мебошад. Шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон аз шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои дигари аҳолӣ бо аломатҳои зерин фарқ мекунад:

– унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон, аз қабили донишҳо, тасаввурот, ақидаҳо, мафҳумҳо, ҳиссиёти ҳуқуқӣ;

– сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқӣ, ки зимни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ имконпазир мегардад;

– сифати баландтари шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон, ки барои фаъолияти касбии ҳуқуқӣ заминаи кофӣ муҳайё мекунад;

– тарзҳои васеътари дарки воқеияти ҳуқуқӣ;

– ҳаҷми васеи иттилооти ҳуқуқӣ, ки ба туфайли донишҳои ҳуқуқӣ, қобилияти дарку эҳсос, нигоҳдорӣ, истифода, паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ имконпазир мегардад.

Шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон аз намудҳои дигари шуури ҳуқуқӣ бо фаъолияти касбии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони касбӣ ба роҳ монда мешавад, фарқ мекунад. Ҳуқуқшиносони амалӣ фаъолияти касбии ҳуқуқиро дар иртибот бо сатҳи муайяни шуури ҳуқуқии касбӣ ба роҳ мемонанд. Барои фаъолияти касбии ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқии касбӣ зарур аст.

Бо ҳамин нишона шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносони амалӣ (кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ) аз шуури ҳуқуқии илмӣ ва одӣ фарқ мекунад. Дар ин замина сатҳи зерини шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносонро ҷудо намудан мумкин аст:

– шуури ҳуқуқии илмӣ, ки барои олимони ҳуқуқшинос, муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ хос аст;

– шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилот;

– шуури ҳуқуқии донишҷӯёни ҳуқуқшинос, ки дар раванди таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ ташаккул меёбад;

– шуури ҳуқуқии одӣ, ки барои шаҳрвандон хос мебошад, аз тасаввуроти одии (ғайрикасбии) ҳуқуқӣ оид ба падидаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ иборат аст.

Аз таснифи зикршуда бармеояд, ки шуури ҳуқуқии ҳуқуқшиносон намудҳои ё сатҳи гуногун дорад. Дар байни онҳо шуури ҳуқуқии илмӣ ё доктриналӣ ҷойи аз ҳама баландро соҳиб аст, чунки ба сатҳи баланди на танҳо донишҳои ҳуқуқӣ, балки донишҳои илмии ҳуқуқӣ такя намуда, зимни таҳқиқоти илмӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Шуури ҳуқуқии касбӣ дар ҷараёни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, минбаъд дар рафти фаъолияти касбии ҳуқуқӣ такмил меёбад. Шуури ҳуқуқии одӣ бошад, ба шаҳрвандон, сарфи назар аз таҳсилоти ҳуқуқии касбӣ, фаъолияти илмии ҳуқуқӣ ва фаъолияти касбии ҳуқуқӣ тааллуқ дорад.



Фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар заминаи шуури ҳуқуқии умумӣ ва шуури ҳуқуқии касбӣ ташаккул меёбад. Таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ зинаи муҳими ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбӣ мебошад. Айни замон дар раванди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии умумии ҳуқуқшиносон, ки минбаъд дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа (мақомоти қонунгузор, иҷроия, судӣ, муассисаҳои ёрии ҳуқуқӣ ва ғайра) фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ва дигари давлатиро ба сомон мерасонанд, ташаккул меёбад. Дар ҷараёни таҳсилоти ҳуқуқии махсуси касбӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти махсус, аз ҷумла дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ монда мешавад, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ташаккул меёбад.

Аз ин нуқтаи назар фарҳанги ҳуқуқии касбӣ ба доираи васеи ҳуқуқшиносон, ки таҳсилоти олии касбии ҳуқуқиро соҳиб гашта, дар мақомоти гуногуни давлатӣ, аз ҷумла дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кор мекунанд, тааллуқ дорад. Раванди таҳсилоти олии касбии ҳуқуқӣ, ки дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ ва донишгоҳҳо ба роҳ монда мешавад, ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқии касбии доираи васеи ҳуқуқшиносон замина мегузорад.

Ҳамин тариқ, фарҳанги ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон намуди мустақили фарҳанги ҳуқуқӣ буда, бо назардошти шароити муайяни инкишофи ҷомеа, талаботи ҷомеа, дар раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, амалияи касбии ҳуқуқӣ ташаккул ва инкишоф меёбад.

**Равшан РАҶАБЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

# ДАРСИ ХУДШИНОСИЮ ВАТАНДӮСТӢ АЗ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Соли гузашта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақсади иштирок дар чорабиниҳои идона бахшида ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз ба вилояти Суғд сафар карданд. Ин дидор хотирмон буд, хоса барои мо - кормандони Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю. Б. Исҳоқӣ. Дар доираи ин сафар 1-уми апрели соли 2023 Пешвои миллат ба муассисаи мо ташриф оварда, бинои нави таълимии коллеҷро ба истифода доданд. Ҳамин тавр, аз файзи қудуми Пешвои миллат дар ҷашни Наврӯзи фархундапай муассиса соҳиби бинои замонавӣ гардид.**



Бинои нав аз 41 синфхона иборат буда, барои дар ду баст таҳсил кардани 2000 донишҷӯ пешбинӣ шудааст. Зимни шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба устодон дастурҳои созанда дода гуфтанд, ки нисбат ба оянда донишҷӯён беэътиноӣ зоҳир накунем. Ба донишҷӯён муроҷиат намуданд, ки талабот ба мутахассисони соҳаи тандурустӣ, хоса кормандони миёнаи тиббӣ, зиёд аст. Онҳо бояд бо баҳои хубу аъло хонда, дар соҳаи интихобкардаашон мутахассиси хуб шаванд. Ҳар табибе, ки кори худро хуб медонаду беморро шифо мебахшад, миёни мардум эҳтироми хоса пайдо менамояд.

Қудуми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муассисаи мо файзу баракат овард. Баъд аз ифтитоҳи бинои нав, пеш аз ҳама, шароити таълиму тадрис беҳтар шуд. Ҳоло устодону донишҷӯён дар раванди таълим аз технологияи нави ҷавобгӯи талаботи замон истифода мебаранд. Ҳамзамон, мо - устодон дар асоси дастуру ҳидоятҳои созандаи Роҳбари давлат нақшаи махсуси корӣ тартиб дода, аз рӯи он амал менамоем, ки натиҷааш хуб аст.

Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар мо - устодони муассисаро ба масъулиятшиносии бештар водор мекунад. Мо аз ин мулоқот, ки паёмҳои инсонсозу зиндагисоз дорад, таассуроти амиқ бардоштем. Ин мулоқот низ саршор аз роҳнамоӣ, ғамхории падарона буд. Бо донишҷӯён суҳбат доир намуда, барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, пешгирии шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои хусусияти экстремистидошта корҳои фаҳмондадиҳӣ мебарем. Намегузорем, ки фарзандонамон бозичаи дасти дигарон бошанд.

Ҳамин тавр, ин ду воқеаи муҳим, ки яке дар Наврӯзи соли гузашта, дигаре дар арафаи Наврӯзи имсола ба вуқӯъ пайваст, муҷиби дигаргуниҳои мусбат на танҳо дар фаъолияти муассиса, балки дар шинохти баъзе арзишҳои миллию динии мо гашт. Вазифаи мост, ки ин арзишҳоро ҳифз мекунем ва дар шинохти дурусти он ба ҷавонон кумак расонем.

**Алимат МАВЛОНЗОДА, директори Коллеҷи тиббии шаҳри Хуҷанд ба номи Ю. Б. Исҳоқӣ**

# АМАЛИ ХАЙР

**Сокини деҳаи Пишанзаи деҳоти Анзоб Хуҷмурод Шарифов бо маблағи барои сафари ҳаҷ ҷамъовардааш дар мавзеи Дуобаи наздикии деҳаҳои Ремон ва Пишанзаи деҳоти Анзоб пули дарозиаш 6 ва бараш 3,5 метрро сохта ба истифода дода, инчунин, дар мавзеи Дуобаи наздикии деҳаҳои Ремон ва Пишанзаи деҳоти Анзоб 7 километр роҳи мошингарди Симичро то деҳаи Пишанза тахту ҳамвор намуд.**

20-уми марти соли 2024 ба истиқболи Ҷашни байналмилалии Наврӯз бо иштироки раиси ноҳияи Айнӣ Муқим Муродзода маросими ифтитоҳи пули сохташуда баргузор гардид.

Раиси ноҳия ба Х. Шарифов миннатдории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Айниро расонида, иброз дошт, ки кирдори неки чунин ҷавонмардон боиси ифтихору сарбаландист.

- Наврӯз ҷашни хислату амалҳои нек буда, муқаддима ва муҳтавои асосии онро пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори неки инсонҳо ташкил медиҳад. Агар чунин хислату рафторро ҳар яки мо сармашқи кори худ карда, барои ободонии диёрамон саҳмгузор бошем, дар муддати кӯтоҳ мардуми мо сазовори зиндагии шоиста хоҳад гардид, - афзуд раиси ноҳия.

Номбурда ҳоло тасмим дорад барои насли навраси деҳаи Пишанза майдончаи варзиш сохта ҳадя намояд. Ҷойи сохтмони майдончаи варзиш муайян гардида, бунёди он рӯзҳои наздик оғоз мешавад.

**Комрони АСЛОН, «Садои мардум»**

# БЕШ АЗ 200 ИНШООТ БУНЁД ГАРДИД



**То Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бунёди 340 иншооти гуногун ба нақша гирифта шудааст, ки аллакай беш аз 200 адади он мавриди баҳрабардорӣ қарор дорад.**

